Детс
Н5973

2



# Масалҳо аз «БАҲОРИСТОН»-и Ҷомӣ

«Кабӯтар ва мурғи хонагӣ»

«Рӯбоҳи лоғар ва гурги шикамкалон»

«Товус ва зоғ»



ДУНЁИ ДОНИШ

# Масалҳо аз «БАҲОРИСТОН»-и Ҷомӣ

# 2



ДУНЁИ
ДОНИШ

**ББК 83.3(0)9 + 82.3 (2 тоҷик) + 83.8**
**К-13**

**Бозгӯянда:** Равшан Раҳмонӣ

**Масъули нашр:** Умар Қобилов

**Рассомон:** Муҳаммадҳусайни Исматулло
Беҳзод Боймуродов

**Тарроҳ:** Хуршед Неъматов

Масалҳо аз «Баҳористон»-и Ҷомӣ. 2
Душанбе: «Дунёи Дониш», 2019 - 32 саҳ.

Дене
НБ973 891.550

000904746
Китобхонаи миллии Тоҷикистон

ISBN 978-99975-953-6-2

© Нашриёти «Дунёи Дониш», 2019

Кабӯтаре буд. Ду бачаяк дошт. Онҳоро дӯст медошт ва эҳтиёт мекард.





Ӯ ба бачаҳояш аз ҳар ҷо ба таври гулчин, чида-чида ғизоҳои лазиз меовард. Барои ҳамин, қувваташ танҳо ба парвариши ду бача мерасид.

Рӯзе аз кабӯтар пурсиданд:

— Эй кабӯтар, чаро ту аз ду бача бештар барнаёрӣ? Мурғи хонагиро бин, бачаҳои зиёд дорад, магар ту аз ӯ бештар қудрат надорӣ?





Кабӯтар гуфт:

— Шумо бинед, ман ба бачаҳои худ, ба ҳавсала, аз ҳар кучҷо ғизоҳои хубро ба таври интихоб, чида-чида меорам. Аммо чӯҷаҳои мурғи хонагиро бинед, аз сари роҳ, партов, пору ва ҳар он чӣ ки роҳгузарон мепартоянд, мехӯранд. Барои ҳамин, бо





ҳавсала, чида-чида ғизо ҷамъ кардан, метавон танҳо ду бачаро парвариш кард. Вале аз партови сари роҳ метавон ба ҳазор чӯҷаи мурғи хонагӣ ғизо дод.







Ба ҳамин хотир гуфтаанд:

*Хоҳӣ, ки шавӣ ҳалолрӯзӣ,*
*Ҳамхона макун аёли бисёр.*
*Донӣ, ки дар ин сарочаи танг,*
*Ҳосил нашавад ҳалоли бисёр.*

# ТОВУС ВА ЗОҒ



Як товусу як зоғ буд. Онҳо парвозкунон ба саҳни боғе расиданд ва айбу ҳунари якдигарро диданд. Товус ба зоғ гуфт:



— Ин мӯзаи сурх, ки дар пойи туст, лоиқи атласи заркаш ва пероҳани мунаққаши ман аст. Он замон ки ба ин дунё меомадем, ҳар ду дар пӯшидани мӯза ғалат кардем: ман мӯзаи пӯстии сиёҳи туро пӯшидаам ва ту мӯзаи чармии сурхи маро.







Зоғ гуфт:

— На, ин тавр нест. Агар хатое рафтааст, дар пӯшишҳои дигар рафтааст : ту ба бадани худ нигар, ҳама муносиби мӯзаи ман аст. Ҳақиқат ин аст, ки ҳангоми таваллуд ту сар аз гиребони ман баровардаӣ ва ман аз гиребони ту.





Дар он наздикӣ сангпуште буд, ки сар ба дарун кашида, ин гуфтугӯву баҳсро мешунид. Ӯ сар бароварду гуфт:

— Эй ёрони азизу дӯстони соҳибтамиз, ин мунокишаву баҳсро як сӯ гузоред. Аз ин гуфту-



гӯйи бефоида даст кашед. Худои таоло ҳама чизро ба як кас надодааст. Ихтиёри ҳама орзуву хоҳишҳоро дар кафи як кас нанињодааст. Барои ҳар касе чизеро муносиб дидааст. Касеро аз меҳрубонии худ бенасиб накардааст.



Барои ҳамин, ҳар кас бо додаи худ хурсанд бояд буд ва ба ёфтаи худ хушнуд. Барои ҳамин, ин пандро дар ёд гиред:



*Бурдан ҳасад аз ҳоли касон таври хирад нест,*
*Зинҳор, ки аз таври хирад дур набошӣ.*
*Аз халқ тамаъ ҳамчу ҳасад мояи ранҷ аст,*
*Бигсил тамаъ аз халқ, ки ранҷур набошӣ.*

# РӮБОҲИ ЛОҒАР ВА ГУРГИ ШИКАМКАЛОН



Рӯзе аз рӯзҳо як рӯбоҳи лоғар бо як гурги шикамкалон вохӯрд. Гург хеле гурусна буд. Рӯбоҳ, ки аз гург метарсид, ба вай садоқати худро нишон дода, ӯро таъриф мекарду сано мегуфт.



Ҳар ду ба боғе расиданд. Диданд, ки дарвозаи боғ маҳкаму устувор ва деворҳояш баланду пурхор аст. Онҳо гирд-гирди боғ мегаштанд, ки илоҷе карда ба он ҷо дароянду чизе бихӯранд.





Ҳамин тавр, гаштанд, гаштанду дар таги деворе сӯрохе диданд. Аз ин сӯрох рӯбоҳи лоғар зуд гузашта метавонисту гурги шикамкалон базӯр. Рӯбоҳи чолок сар ба сӯрохӣ даровarду ба боғ нигарист ва зуд сар ба берун баровarду ба гург гуфт:

— Баҳ-баҳ, чӣ бӯйи хуше, чӣ қадар меваҳои зиёд.



Гург гуфт:

— Зуд даро, ки ман ҳам аз дунболат дароям.

Рӯбоҳ, ки лоғар буд аз сӯрохӣ осон гузашт, вале гург бо заҳмат даромад. Дар боғ ангурҳои рангоранг диданду меваҳои фаровон ёфтанд. Бо ҳавас ба хӯрдан шурӯъ карданд.



Рӯбоҳи лоғар зирак буду ҳушёр. Вақти хӯрдан аз ин сӯрохии танг чӣ гуна берун рафтанро фикр мекард. Вале гурги шикамкалон, ки нодону гӯлу гумроҳ буд, ҳар қадар тавонист, хӯрд.



Аз фаш-фаши хӯрдану паридану ҷаҳидани гурги ҳарис боғбон огоҳ шуд, ки ба боғ дузд даромадаст. Ӯ зуд чӯбдастеро бардошта, ба тарафи онҳо давид.



Рӯбоҳи лоғари борикмиён зуд аз сӯрох ба берун рафт ва гурги шикамкалон, ки зиёд хӯрда буд, дар сӯрохи девори боғ банд монд.





Боғбон чобукона ба назди гург расид ва бар сару пушти вай бо чӯбдаст чунон зад, ки гург на мурдаву на зинда, пӯст дарида-ву пашм канда аз сӯрох берун рафт.

Барои ҳамин гуфтаанд, ки нафси бад — балои ҷон.

# Масалҳо аз «БАҲОРИСТОН»-и Ҷомӣ

# 2

**Бозгӯянда:** Равшан Раҳмонӣ
**Масъули нашр:** Умар Қобилов
**Рассом:** Муҳаммадҳусайни Исматулло
**Таррох:** Хуршед Неъматов

Нашриёт барои кумаки молиявӣ ҷиҳати нашри китоби мазкур ба Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) изҳори миннатдорӣ менамояд. Китоби мазкур ройгон ба муассисаҳои таълимӣ тавассути Лоиҳаи USAID «Ҳамроҳ бихонем» дастрас карда мешавад.

Ба чоп 06.08.2019 имзо шуд.
Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопию ҳисобӣ 2. Коғази офсет.
Чопи офсет. Адади нашр 10000 нусха.

Дар матбааи «Хирадмандон» чоп шудааст.
Тоҷикистон, Душанбе, кӯч. Ҷаббор Расулов, 9.

ДУНЁИ ДОНИШ

# Масалҳо аз «БАҲОРИСТОН»-и Ҷомӣ

# 2

**Китоб ройгон дастрас карда мешавад.**

9 789997 595362

000904746
Китобхонаи миллии Тоҷикистон